# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Қаҳоров Н.М., дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ.**

Диссертатсияи доктории Қаҳоров Насимҷон Мазбутович дар мавзуи: «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» ба яке аз масъалаҳои муҳимми пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ бахшида шудааст. Таҳқиқот бо назардошти тағйирот ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва қонунҳо, натиҷаҳои амалишавии барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 сурат гирифтааст. Мубрамияти таҳқиқот дар он зоҳир меёбад, ки амалишавии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ, ки бо мақсади амалӣ намудани принсипҳои конститутсионии адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз таҷовузҳои ҷиноятқорона, ҳамчунин, таъмини воқеии кафолати ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, аз он ҷумла аз ғайриқонунӣ маҳдуд намудани ҳуқуқ ва таъқиботи беасос равона шудааст.

Бо вуҷуди тағйиротҳои куллӣ дар муқаррароти ҷорӣ оид ба пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, дар амалияи судӣ риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дучори мушкилотҳое гардидааст, ки ҳалли онҳо зарурати таҳқиқоти масъалаҳои назариявӣ ва амалияро ба миён овардааст. Талабот ба такмил дода шудани танзими ҳуқуқии муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ки ба ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти судӣ бо иштироки бевоситаи тарафҳо муосидат мекунад, ки мубрамияти мавзуи таҳқиқотро нишон медиҳад.

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқот муайян кардааст, ки дар амалияи судӣ бинобар ҷой доштани ихтилофи баъзе аз меъёрҳои мурофиавӣ, нуқсонҳо дар матн ва мазмуни қоидаҳои мурофиавӣ, инчунин якхела ва дақиқ риоя, иҷро ва татбиқ нашудан ё нодурусту ғалат амалӣ шудани қоидаҳои муқарраркардаи қонунгузории миллӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳо ғайриимкон мегардад ё онҳо дучори маҳдудиятҳои беасос мешаванд, ки барои воқеан таъмин гаштани принсипҳои конститутсионии ба ҳама дастрас будани ҳифзи судӣ, мубоҳиса ва баробарии тарафҳои муҳокимаи судӣ монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекунад.

Бинобар ин, муаллиф кушиш ба харҷ додааст, ки масъалаҳои таъмини имкониятҳои иштироки тарафҳоро дар баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ, риоя

шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, таносуби мурофиаи ошкоро, пӯшида ва ғоибонаи баррасӣ шудани парвандаҳои ҷиноятӣ, аҳаммияти муҳокимаи судии масъалаҳои мурофиавиро дар ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи ҳукм мавриди таҳлили ҳуқуқӣ ва таҳқиқоти фарогири илмӣ қарор диҳад.

Ҳарчанд қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2010 оғоз намуда, моҳияти башардӯстонаи меъёрҳои конститутсиониро идома дода, дар партави муқаррароти он дар баробари ҳуқуқ ба ҳимоя ва ҳуқуқ ба дастрас будани адолати судӣ як қатор кафолатҳои мурофиавиро пешбинӣ карда бошад ҳам, лекин атрофи масъалаи таъмини кафолати ба ҳимояи судӣ ҳуқуқ доштани ҳам судшаванда ва ҳам ҷабрдида то ҳол баҳсҳои назариявӣ ва омилҳои маҳдудкунандаи амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ (риоя, иҷро ва татбиқи меъёрҳо) дар амалияи судӣ пурра бартараф нашудаанд. Аз ин рӯ, муаллиф дар рисола хулоса ва пешниҳодҳои худро мантиқан саҳеҳ ифода карда, баҳри бартараф карда шудани мушкилоти мавҷуда тавсияҳои асоснокро пешбарӣ мекунад, ки аз аҳамияти назариявӣ ва амалӣ холӣ нестанд.

Натиҷаи таҳқиқоти илмии фарогири ин масъалаҳо имконият медиҳад, то ки баҳсҳои назариявӣ ҳалли дақиқ ва ниҳоии худро ёбанд, андешаву ақидаҳои самарабахш такмил дода, асоснок карда шаванд, кафолатҳои конститутсионии адолати судӣ воқеан амалӣ шаванд.

Аз нуқтаи назари муаллиф, ҳалли ҳуқуқии масъалаҳои мурофиавӣ, татбиқи дурусти меъёри ҳуқуқӣ ҳангоми пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ аз руи принсипи мубоҳиса ва баробарии тарафҳо бо иштироки фаъоли тарафҳо бояд роҳандозӣ шавад. Таҳлил ва минбаъд такмил дода шудани меъёрҳои қонунгузорӣ, роҳҳои ҳадафноки амалишавии онҳо, беҳтар намудани фаъолияти мақомоти судӣ дар самти ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, муайян кардани ҳадди имкониятҳои иштирокчиёни мурофиа ҳангоми муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ мазмуни тадқиқоти назариявии муаллифро ташкил додааст.

Натиҷаҳои илмии дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодгардида, асоснок ва аз лиҳози мантиқӣ пайдарҳам мебошанд. Муаллиф маҷмуи донишҳои назаривиро оид ба раванди риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, дастраси ба адолати судӣ, амалишавии ҳимояи судӣ ва амалияи баррасии судии парвандаҳои ҷиноятиро ҳаматарафа таҳлил намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро ҳамчун василаи ҳалли мушкилот дар ин самт муаррифӣ менамояд.

Пешниҳод ва хулосаҳое, ки муаллиф пешниҳод менамояд ба такмили асосҳои назариявии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, таҳкими қонуният ва таъмини адолат ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, инчунин барои асоснок кардани ҳалли

масъалаҳои мурофиавӣ ҳангоми баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ ва таъмини кафолатҳои мурофиавии ҷиноятӣ, равона мешаванд.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия Қаҳорзода Н.М., дар нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод менамояд, навгонии илмии диссертатсия, рисола ва мақолаҳои илмии муаллиф инъикос шудаанд, аз ҷумла 18 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва 34 мақолаи дигар маҷаллаву маҷмуаҳо ба табъ расидаанд. Гузашта аз ин, муҳаққиқ дар робита ба ҷанбаҳои мухталифи мавзуи диссертатсия дар як қатор семинарҳову конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба ҳайси маърӯзачӣ баромад намудааст.

Ҳамин тариқ, рисолаи муаллиф дорои навгониҳо, аслият буда, дар замони муосир мубрам ва муҳим арзёбӣ мешавад.

Бинобар ҳолатҳои номбаршуда, таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, рисола метавонад ба муҳокима пешбарӣ карда шавад.

Профессори кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Меликов У.А.

«Имзои Меликов У.А.- ро тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Ҷӯраев Ш.Н.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 48/5,**Тел.:** (+992 237) 234-88-02. **E-mail:** m.umrillo@gmail.com

«16» майи соли 2026